**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023)**

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо мукаммал шудани қонунгузории молиявӣ фаъолияти молиявии давлат ҳамчун бахши таркибии муҳим ва зарурии низоми сиёсати иҷтимоии давлат қарор гирифта, васоит ва тарзу усулҳои гуногуне ба кор бурда шуд, ки онҳо ба коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ равона карда шудаанд.

Қонунгузории молиявии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни инкишофро паси сар намуда, дар замони соҳибистиқлолии кишвар мукаммал гардид. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баислоҳоти соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодӣ амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Низоми молиявии давлат яке аз механизмҳои нисбатан муҳиме мебошад, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд.

Яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти молиявии давлат дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва бuҳрони молиявию иқтисодӣ ин дуруст, бонизом ва самаранок ба роҳ мондани идоракунии молиявӣ ва

назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ мебошад. Зеро, иқтисоди бозорӣ бе низоми молиявии хуб ташкилшуда ва бозори молиявии танзимшаванда бомуваффақият ва устувор рушд карда наметавонад.

Низоми молиявӣ ва бозори молиявӣ дар заминаи иқтисоди бозорӣ, ки бавуҷудорандаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ мебошанд, амал менамоянд. Онҳо дар айни замон шарти фаъолияти худи иқтисоди бозориро муайян менамоянд. Бинобар ин, дар иқтисоди бозорӣ идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ аҳамияти ниҳоят муҳимро мебозад. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин, мавзуи таҳқиқоти Абдуалимзода Исмоил Иброҳим «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» яке аз мавзуҳои мубрам ва то имрӯз ба таври кулливу ҷузъи таҳқиқнашуда дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки мавзуъ ба таври мантиқӣ ба муқаддима, 2 бобу 5 зербобҳо, хулоса, руйхати сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ, интишороти муаллиф дар мавзуи таҳқиқот тақсим гардида, ҳар як боби минбаъда паҳлуҳои нави мавзуи илмиро таҳлилу баррасӣ менамояд.

Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳо - сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ, балки аз қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ фаровон истифода бурдааст. Дар заминаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун тавонистааст муайян намояд, ки “андозҳо дар марҳилаҳои аввали инкишофи ҷомеаи инсонӣ, вақте ки иттиҳодияҳои қабилавӣ ба сохторҳои давлатӣ табдил меёбанд, шакл мегиранд. Онҳо хайрияҳое буданд, ки субъектҳо барои ҳифзи ҳаёт, озодӣ ва моликияти худ ба давлат медоданд. Ба сохти давлатӣ табдил ёфтани иттиҳодияҳои

қабилавӣ марҳилаи муҳимми пайдоиши андозҳо мебошад. Аз ин рӯ, пайдоиши андозҳоро дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон бояд ба пайдоиши аввалин сохторҳои давлатӣ дар ин ҳудудҳо нисбат дод. Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар ҷамоаҳои то давлатӣ як навъ пардохтҳои ба андоз монанд арзи вуҷуд дошт. Аз сабаби он ки имрӯзҳо ба сифати яке аз нишонаҳои андоз субъекти андозситон – давлат муқаррар шудааст, пардохтҳои ҷамоатҳои тодавлатиро андоз гуфтан душвор мебошад. Истифодаи усулҳои умумиилмиву усулҳои хусусии ҳуқуқӣ асос барои хулосаҳои илмӣ ва объективона гаштаанд. Унвонҷӯ аз адабиёти илмии таърихӣ ва муосир низ ба тарзи васеъ ва моҳирона истифода бурдааст, ки он заминаи ба таври муътамад барои анҷом додани таҳқиқоти илмии пурарзиш имконият фароҳам овардааст.

Абдуалимзода Исмоил навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва содда баён намуда, илман асоснок намудааст. Ҷиҳати фарқкунандаи диссертатсияи ҳимояшаванда дар он аст, ки аксарияти мафҳумҳо аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шуда, аз ҷониби муаллиф таъриф дода шудаанд. Аксарияти навгониҳои диссертатсия дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҷиҳати мусбии кор дар он низ мушоҳида мешавад, ки ба як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳодҳо ироа шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки ҳамчун навгонӣ метавон онҳоро низ пешниҳод намуд. Инчунин дар диссертатсия якчанд масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад. Муқоисаи илмии амалияи кишварҳои гуногун дар матни автореферат кам ба назар мерасад. Омузиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи дигар кишварҳо хизмат намояд. Албатта, эродҳои мо баҳснок буда, ба арзиши баланди таҳқиқот таъсиргузор нестанд. Диссертатсияи илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, муаллифи он ро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мешуморем.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иктисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Шарифзода Т.**

Имзои Шарифзода Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ва корҳои махсус Шарипов У.А.

«03» ______ 2023 с.

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj